**ХУЛОСАИ**
**ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-030 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

аз 06 –уми июли соли 2019 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 таҳқиқоти диссертатсионии Меъроҷиддини Насридин – «Самтҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ» аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, Розиқов Ф.М.), тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих Абдурашитов Ф.М., номзади илмҳои таърих Раҳмонов А.С. ва муқарризони ғайрирасмӣ - доктори илмҳои таърих, профессор, Искандаров Қ.И., доктори илмҳои таърих, профессор, Олимов М.А., номзади илмҳои сиёсӣ Раҳнамо Ҳ.А. ва доктори илмҳои таърих, профессор, Маликов М.А - ро шунида, мавриди баррасӣ қарор дод. Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шӯро бобати дурустӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Меъроҷиддини Насридин қабул шудааст, инчунин аз рӯйи натиҷаҳои интишороти ӯ

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Меъроҷиддини Насридин таҳти унвони «Самтҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ» аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ ҷавобгӯйи талабот ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.
2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос мекунанд.
3. Меъроҷиддини Н. бо дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих сарфароз гардонида шавад.
4. Ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати ба Меъроҷиддини Н. додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дархост пешниҳод карда шавад.

Кӣ ҷонибдори қарори шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи номзадияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шӯро барои фаъолияти самаранокашон миннатдорӣ иброз менамоям. Бо ҳамин ҷаласаи шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

**Муовини Раиси**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Сайидзода З.Ш.**

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Шарипов А.Н.**